“Дар бораи тасдиқ намудани Тартиби Пешниҳоди ҳисоботи андоз дар шакли электронӣ”

Мутобиқи муқарраротимоддаи 51 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон,

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Тартиби “Пешниҳоди ҳисоботи андоз дар шакли электронӣ” бо забонҳои давлатӣ ва русӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Тартиби мазкур ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бақайдгирии давлатӣ пешниҳод карда шавад.
3. Раёсати молиявию хоҷагидорӣ барои дар рӯзномаҳои «Боҷу хироҷ» ва «Ҷумҳурият» нашр намудани тартиби мазкур чораҷӯӣ намояд.
4. Шуъбаи ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ тартиби мазкурро ба мақомоти ҳудудии андоз дастрас намояд.
5. Фармоиши мазкур баъд аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.
6. Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.09.2011, №8-Ф “Дар бораи тасдиқ намудани Тартиби “Пешниҳоди ҳисоботи андоз дар шакли электронӣ”, ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07.10.2011 №627 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, аз эътибор соқит дониста шавад.
7. Назорати иҷрои Фармоиши мазкур ба зиммаи Муовини якуми Раис Солиев А.М. вогузор карда шавад.

**Раис** **Н.Давлатов**